بسم الله الرحمن الرحيم

***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّی الله علیه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْن: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим, ҷилди **7**, саҳ. **122**; Сунани Дорамӣ, ҷилди **2**, саҳ. **432**; Муснади Аҳмад, ҷилди **3**, саҳ. **14, 17, 26, 59**, ҷилди **4**, саҳ. **366, 371**, ҷилди **5**, саҳ. **182**, Мустадраки Ҳоким, ҷилди **3**, саҳ. **109, 148, 533** ва **...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати сездаҳум**
**Зиндагии пешвои ёздаҳум ҳазрати**
**Имом Ҳасани Аскарӣ (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**


نام کتاب: پیشوای یازدهم حضرت امام حسن عسکری (ع)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои ёздаҳум Имом Ҳасани Аскарӣ)

**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»

**Мутарҷим**: Зарринтоҷ

**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума

**Адади нашр**: 3000

**Навбати чоп**: Аввал

**Таърихи чоп**: соли 2008

**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»

**Чопхона**: Исроъ

ISBN: 978-964-529-216-2

www.ahlul-bayt.org

info@ahlul-bayt.org



**RIGHTS RESERVED FOR THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухо-



лифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар

ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои ёздаҳум ҳазрати Имом Ҳасани Аскарӣ (а)

## Валодат

Имом Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алии Аскарӣ(а) ёздаҳумин пешвои Ислом пас аз Паёмбар(с) дар соли 232 – и ҳиҷрии қамарӣ дар Сомарро таваллуд шуд. Падари бузургвораш имоми даҳум ҳазрати Ҳодӣ (а) ва модари гиромиаш бонуи порсо ва арҷманд Ҳудайса аст, ки Савсан низ номида мешавад.

Имом (а) дар Сомарро дар маҳаллае ба номи «Аскар»[1] зиндагӣ дошт ва аз ҳамин ҷиҳат ба «Аскарӣ» шӯҳрат ёфт. Аз машҳуртарин лақабҳои дигари ӯ «Закӣ» ва «Нақӣ» ва кунияаш Абӯмуҳаммад аст.

Вақте ҳазрат 22-сол дошт падараш имоми даҳум ба шаҳодат расид ва пас аз падар имоматиаш ба муддати шаш сол буд. Имом Аскарӣ(а) дар 28 солагӣ дар соли 260-и ҳиҷрӣ ба шаҳодат расид ва танҳо фарзанд ва ҷонишини охирин имомон, пешвои дувоздаҳум ҳазрати

[1] Аз сабаби он, ки дар ин мавзеъ маҳалли сукунати сипоҳиёни турки дарбори Аббосӣ буд, “Аскар” номида мешуд.



Ҳуҷҷат ибни Ҳасани Маҳдӣ, Валиамр ва Имоми замони мост. Ҳар гоҳ Худои мутаол ирода фармояд, қиём ва зуҳур намояд ва заминро аз вуҷуди ситамгарон пок ва ҷаҳонро пур аз адлу дод созад.

Касоне, ки Имом Аскарӣ(а)-ро дидаанд гуфтаанд: он ҳазрат гандумгун, дурүштчашм, хушсурат, некӯандом ва боҳайбату ҷалолат буд.

Муддати умри имоми ёздаҳум (а) ҳамзамон бо хилофати шаш халифаи Аббосӣ: Мутаваккил, Мунтасир, Мустаин, Мӯътаз, Мӯҳтадӣ ва Мӯътамид будааст. Имом Ҳасани Аскарӣ(а) дар замони Мӯътамид ба шаҳодат расид.[2]

### Имомат

Ҳар яке аз имомони маъсум (а) дар муаррифии ҷонишини худ танҳо ба ривоёти оммӣ, ки номи ҳамаи имомонро то имоми дувоздаҳум тавзеҳ додааст, иктифо намекарданд. Барои таъкид ва аз байн бурдани ҳар гуна шубҳа имоми баъд аз худро ба пайравон ва ёрони хеш муаррифӣ мекарданд. Дар мавриди Имом Аскарӣ(а) низ дар ҳамин замина ривоёти бисёр нақл шудааст, ки ба порае аз онҳо ишора мекунем:

1. **Абӯҳошими Ҷаъфарӣ** аз бузургтарин ровиёни содиқ ва ёрони хоси имомони Аҳли

[2] «Биҳоруланвор» ҷ.50 саҳ.235-239-325

Байт(а) аст. Ӯ мегӯяд, ки боре хидмати Имом Ҳодӣ(а) шарафёб шудам, ҳазрат фармуд:

**-** Ҷонишини ман писарам Ҳасан аст; бо ҷонишини ҷонишини ман чӣ гуна хоҳед буд?!

Гуфтам:

**-** Чӣ тавр? Худо маро фидоят созад.

Фармуд:

**-** Чун шахси ӯро намебинед, раво нест, ки номи ӯро ба забон бибаред!

Пурсидам:

**-** Пас чӣ гуна аз ӯ ёд кунем?

Фармуд:

**-** Бигӯед "Ҳуҷҷат аз Оли Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи".

2. **Сақр ибни Абӯдулаф** аз Имом Ҳодӣ(а) ривоят мекунад, ки аз эшон шунидам, ки фармуд:

> ***"Ҳамоно имоми баъд аз ман писарам Ҳасан ва баъд аз Ҳасан писараш "Қоим" (яъне Имом Маҳдӣ) аст. Ӯ ҳамон аст, ки заминро пур аз адлу дод месозад, ҳамчунон ки (пештар) пур аз зулму ҷабр шудааст".*** [3]

3. **Нуфалӣ** мегӯяд: ҳамроҳи Имом Ҳодӣ(а) дар саҳни манзили он бузургвор будам. Писараш Муҳаммад аз назди мо гузашт. Гуфтам:

[3] «Камолуддин» таълифи Шайх Садуқ саҳ.373



**-** Фидоят шавам, баъд аз шумо ин имом аст?

Фармуд:

**-** Не, имоми шумо баъд аз ман Ҳасан аст.[4]

4. **Яҳё ибни Ясор** мегӯяд: Имом Ҳодӣ(а) чаҳор моҳ пеш аз даргузашт ба фарзандаш Имом Ҳасани Аскарӣ(а) васият ва ба имомат ва хилофати ӯ ишора фармуд. Ӯ маро ва гурӯҳе аз дӯстон ва асҳобро бар он гувоҳ гирифт.[5]

5. **Абӯбакри Фаҳфакӣ** нақл мекунад, ки Имом Абулҳасан Ҳодӣ(а) ба ман навишт:

> ***"Писарам Абӯмуҳаммад (Имом Аскарӣ(а)) миёни афроди дудмони Паёмбар(с) аз назари хилқат саҳеҳтарин фард, аз назари мантиқ устувортарини онон аст ва ӯ беҳтарини фарзандони ман мебошад. Ӯ ҷонишини ман хоҳад буд ва силсилаи имомат ва аҳкоми мо ба ӯ ба охир мерасад. Пас он чӣ аз ман мепурсидӣ аз ӯ бипурс ва он чӣ ба он ниёзмандӣ, назди ӯст".*** [6]

[4] «Иршод»-и Муфид саҳ.315

[5] «Эъломулваро» саҳ.370

[6] «Иршод»-и Муфид саҳ.317

**Ҳукумати хулафои Аббосӣ дар замони Имом Аскарӣ (а)**

Имом дар даврони кӯтоҳи имомати хеш, ки шаш сол аст, бо ҳукумати се халифа: Мӯътаз, Мӯҳтадӣ ва Мӯътамид ҳамзамон буд.

Мӯътази Аббосӣ ба ҷои писарамаки худ Мустаин ба мансаб нишаст. Имом Ҳодӣ(а) дар ҳукумати Мӯътаз ба шаҳодат расид ва гурӯҳе аз алавиён низ дар хилофати ҳамин халифаи золиму ситамгар шаҳид ва заҳр дода шуданд. Мӯътаз боре бародари худ Муайядро ба зиндон андохт ва фармон дод, то ба ӯ чиҳил зарбаи асо заданд. Вай зери ин шиканҷаҳо аз валиаҳдӣ даст кашид ва озод шуд. Мӯътаз бори дигар ӯро зиндонӣ намуд ва вақте шунид, ки гурӯҳе аз туркон тасмим доранд бародарашро бираҳонанд, фармон дод ӯро ба қатл бирасонанд. Он гоҳ Муайядро дар чодари заҳролуде печонданд ва ду тарафи онро бастанд, то ҷон дод. Мӯътаз фақеҳон ва қозиёни дарборро ба мушоҳидаи ҷасади ӯ даъват намуд, то бубинанд дар ӯ асари шиканҷае нест ва вонамуд шавад, ки ба марги табии худ вафот кардааст.[7]

[7] «Татимматулмунтаҳо» саҳ.252



Дар ҳукумати Мӯътаз беш аз ҳафтод нафар аз алавиён ва дудмони[8] Ҷаъфари Тайёр ва дудмони Ақил ибни Абӯтолибро, ки дар Ҳиҷоз қиём карда буданд, асир карда ба Сомарро оварданд.[9] Дӯстони Имом Аскарӣ(а) дар замони ин халифа дар ранҷу фишор буданд ва бархе аз эшон авзои тоқатфарсоро ба Имом(а) дар номае шикоят карданд. Имом(а) дар посух чунин навиштанд:

***"Се рӯзи дигар фараҷ ва раҳоӣ ҳосил мешавад".[10]***

Сипоҳиёни турки дарбори Аббосӣ, ки Мӯътазро дар ҷиҳати манфиатҳои хеш намедиданд, бар ӯ шӯриданд ва ӯро маҷбур ба дасткашидан аз хилофат карданд. Сипас ӯро дар таҳхонае андохта, дари онро бастанд, то дар ҳамон ҷо ҳалок шуд.[11]

Пас аз Мӯътаз Мӯҳтадӣ ба хилофат нишаст. Ин ситамгари золим рафтори мунофиқона дошт. Ӯ дар зоҳир зӯҳд мефурӯхт ва аз айшу ишрат дурӣ меҷуст, чунон ки занҳои хонандаро дур сохт ва мункароти дигарро манъ кард ва зоҳиран ба доди мазлумон мерасид. Аммо муддате Имом Аскарӣ(а) –ро зиндонӣ намуд ва ҳатто ба қатли он гиромӣ тасмим гирифта буд. Вале аҷал ӯро

[8] Оила, хонавода, авлод.

[9] «Муруҷуззаҳаб» ҷ.4 саҳ.91

[10] «Биҳоруланвор» ҷ.50 саҳ.251

[11] «Муруҷуззаҳаб» ҷ.4 саҳ.94-95, «Татимматулмунтаҳо» саҳ.254

мӯҳлат надод ва Худои мутаол ӯро ҳалок сохт. Дар хилофати Мӯътадӣ гурӯҳе аз алавиён қиём карданд, ки бархе аз онон ро ба зиндон андохтанд ва дар ҳамон ҷо ҷон доданд.

Аҳмад ибни Муҳаммад мегӯяд: вақте Мӯҳтадӣ ба қатли маволӣ ва ғайри араб пардохта буд, ба Имом Аскарӣ(а) навиштам: "Сипос Худойро, ки ӯро аз мо мунсариф сохт. Ба ман хабар расида буд, ки ӯ шуморо таҳдид карда гуфта буд: "Савганд ба Худо, Оли Муҳаммад(с)-ро аз рӯи замин мебардорам!!"

Имом дар посух ба хатти мубораки худ навиштанд:

> ***"Чӣ қадар кӯтоҳ аст умри ӯ, панҷ рӯзи дигар бо зиллат ва хорӣ кушта мешавад".***

Оқибат ҳамон тавр шуд, ки Имом (а) фармуданд.[12] Мӯҳтадӣ бо шӯриши туркони сипоҳӣ ба қатл расид ва Мӯътамид ҷонишини ӯ шуд.[13]

Мӯътамид низ чун дигар гузаштагони худ ҷуз айш ва ситамгарӣ коре надошт. Ӯ вақти худро комилан ба бозӣ ва корҳои беҳуда сарф мекард. Аз ин истифода бурда бародараш Муваффақ умури салтанатро ба дасти худ гирифт, ба тавре

[12] «Иршод»-и Муфид саҳ.324

[13] «Татимматулмунтаҳо» саҳ.254-258



ки Мӯътамид амалан ҳеҷкора ва фақат номаш халифа буд. Пас аз даргузашти Муваффақ писараш Мӯътазид бар умури амакаш Мӯътамид истило ёфт. Саранҷом дар соли 279 – и ҳиҷрӣ Мӯътамид аз байн рафт ва Мӯътазид расман ба ҷои ӯ халифа шуд.[14]

Дар ҳукумати Мӯътамид Имом Аскарӣ (а) ба шаҳодат расиданд. Гурӯҳе аз алавиён низ кушта шуданд, бархе аз онон ро ваҳшиёна ба қатл мерасонданд ва ҳатто пас аз куштан ҷасадҳояшонро пора-пора мекарданд.

Бархе аз таърихнависон навиштаанд, ки дар ҳукумати Мӯътамид ҷанг ва даргирӣ то ба ҳадде буд, ки ҳудуди ним миллион нафар одамони бегуноҳ кушта шуданд.[15]

Ба ҳар ҳол таваҷҷӯҳи ҷомеа ва мардум ба имомони маъсум ва созишнопазирии он гиромиён бо хулафои ситамгар сабаби норoҳатӣ ва бадбинии ҳокимон нисбат ба силсилаи нуронии имомат мешуд. Имом Аскарӣ(а) ҳамчун падарони бузургвор ва маъсуми худ ҳамвора ба озор ва муроқибати ҳукумат рӯ ба рӯ буд.

Боре он гиромиро дар ҳукумати Мӯҳтадӣ ба зиндони "Солеҳ ибни Васиф" бурданд. Халифа ду нафар аз бадтарин шахсони худро маъмури Имом монд, то ба он ҳазрат сахтгирӣ кунанд,

[14] «Муруҷуззаҳаб» ҷ.4, саҳ.140-142

[15] «Муруҷуззаҳаб» ҷ.2, саҳ.120

аммо онон таҳти таъсири ибодатҳои имом воқеъ шуданд[16] ва ба ӯ эҳтиром мегузоштанд. Имомро бори дигар ба зиндони “Наҳрир” бурданд ва нигаҳбони он бар имом сахтгирӣ карда, он ҳазратро озор медод. Зани Наҳрир ба ӯ гуфт:

- Аз Худо битарс! Ту намедонӣ чӣ касе дар манзили туст? Ӯ ибодат ва шоистагии имомро баён кард ва гуфт: аз он ситаме, ки бар ӯ раво медорӣ бар ту метарсам.

Наҳрир гуфт:

- Ба Худо қасам ӯро миёни даррандагон меафканам. Пас аз он ки аз мақомоти боло иҷозат гирифт, имомро миёни даррандагон афканд ва боварӣ дошт, ки даррандагон имомро ҳалок месозанд. Вақте Наҳрир ба суроғи Имом омад, ӯро солим ёфт дар ҳоле ки ба намоз машғул буд ва даррандагон атрофи ӯро гирифта буданд.[17] Баъд аз ин дастур дод имомро ба манзили эшон баргардонанд.

Мӯътамид дар замони худ Имом Аскарӣ(а) ва бародараш Ҷаъфарро назди Алии Ҷарин зиндонӣ сохт ва пайваста аз вазъи Имом пурсон мешуд. Ба ӯ гузрориш медоданд, ки рӯзҳоро рӯза мегирад ва шабҳоро ба намоз ва ибодат рӯз мекунад.

[16] «Иршод»-и Муфид саҳ. 324

[17] «Иршод» саҳ. 324-325



Рӯзе аз Алии Ҷарин вазъи имомро ва ҳамон гузориши қаблиро шунид.

Халифа дастур дод, ки ҳоло назди ӯ бирав ва саломи моро ба эшон бирасон ва ба эшон гӯй, ки ҳамроҳи ту ба манзилашон бираванд. Алии Ҷарин мегӯяд: вақте ба зиндон рафтам, имомро дидам, ки либосҳояшро пӯшида омодаи ҳаракат аст. Вақте маро дид аз ҷой бархост ва ман паёми амирро расондам. Имом савор шуд ва якбора таваққуф кард. Сабаби ҳаракат накарданро пурсидам. Имом гуфтанд:

- Ҷаъфарро интизорам то биёяд.

Гуфтам:

- Амир фақат ба озодии шумо фармон дод ва аз Ҷаъфар ҳарфе назад.

Фармуд:

- Назди амир бирав ва бигӯ, ки мо аз як хона (хонавода) берун омадем ва агар ман танҳо боргардаму Ҷаъфар ҳамроҳам набошад, коре пеш меояд, ки бар ӯ пӯшида нест.

Алии Ҷарин назди халифа рафт ва вақте баргашт ба Имом гуфт: ”Амир мегӯяд, ки ман Ҷаъфарро ба хотири шумо озод мекунам. Ӯро ба ҷиҳати гуноҳ ва хиёнатҳое, ки нисбат ба шумо ва худ анҷом дода буд, зиндонӣ карда будам.

Ҷаъфарро озод карданд ва ҳамроҳи Имом(а) ба хонааш баргашт.[18]

[18] Маҳаҷуддаъавот»-и Сайид ибни Товус саҳ. 275

Аз он чӣ ба тасври хулоса ва фишурда аз вазъияти ҳукумати хулафо ва рафторашон бо Имом нақл кардем, ошкор аст, ки Имом Аскарӣ(а) дар даврони сахт ва тангутор мезистаанд. Ҳукуматҳои золими замон пайваста нисбат ба Имом(а) муроқибати шадид дошта ва борҳо он гиромиро зиндонӣ намуданд. Таърих гувоҳи он аст, ки ҳатто дар вақтҳое, ки имом дар зиндон набуданд, пайравон ва дӯстонашон наметавонистанд наздашон ба роҳат рафтуомад ва дар тамос бошанд. Пайравон ва асҳоб ба кӯмаки якдигар ва бархе алавиён ба манзили Имом роҳ пайдо мекарданд. Дар "Кашфулғумма" мехонем:

Марде аз алавиён дар замони Имом Аскарӣ(а) дар талаби маош аз Сомарро берун омада ба сӯи шаҳри Ҷабал (қисмати кӯҳистонии ғарбии Эрон то Ҳамадон ва Қазвин) мерафт. Марде аз дӯстдорони Имом(а) аз мардуми Ҳалвон (пӯли зиҳоб) ба ӯ вохӯрд ва пурсид:

- Аз куҷо меоӣ?.

Гуфт:

- Аз Сомарро.

Гуфт:

- Оё фалон маҳалла ва фалон кӯчаро мешиносӣ?

Гуфт:

- Бале

Пурсид:



- Аз Ҳасан ибни Алӣ хабар дорӣ?

Гуфт:

- Не

Пурсид:

- Барои чӣ ба Ҷабал омадаӣ?

Гуфт:

- Барои истироҳат.

Ҳалвонӣ гуфт:

- Ман панҷоҳ динор дорам, онро бигир ва бо ҳамроҳии ман ба Сомарро биё, то маро ба хонаи Ҳасан ибни Алӣ бирасонӣ. Алавӣ пазируфт ва ӯро ба хонаи Имом(а) бурд...[19]

Аз ҳамин ҷиҳат метавон дарёфт, ки обрӯ ва муваффақияти имом берун аз зиндон чӣ гуна будааст ва он ҳазрат то чӣ андоза дар маҳдудият ва зери назорати ҳукумат қарор гирифта будааст. Ошиқон ва дилсӯхтагони Имом(а) ба осонӣ наметавонистанд ба он ҳазрат тамос гиранд ва бо тадбиру эҳтиёт мебоист хидмати имом бирасанд. Алавиён ва хешовандони Имом(а) низ ҳатто наметавонистанд ба он ҳазрат мулоқоти зиёд дошта бошанд.

### Шахсияти Имом ва хусусиятҳои ахлоқӣ

Фазилатҳои ахлоқӣ ва камолоти маънавии Имом (а) боиси он шуда буд, ки на танҳо дӯстон, балки душманон низ бар азамат ва бузургвории ӯ

[19] «Кашфулғумма» ҷ.3 саҳ. 307

эътироф намоянд. Ҳасан ибни Муҳаммади Ашъарӣ, Ҳасан ибни Яҳё ва бархе дигарон ривоят кардаанд, ки Аҳмад ибни Убайдулло ибни Хоқон мутасадии заминҳо ва хироҷи шаҳри Қум буд. Рӯзе дар маҷлиси ӯ сухан аз алавиён ва ақоидашон ба миён омад. Аҳмад, ки худ аз "носибиён"[20]-и сарсахт ва мунҳариф аз Аҳли Байт(а) буд, зимни сӯҳбат гуфт:

"Ман дар Сомарро касе аз алавиёнро монанди Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ Ар-Ризо (Имом Аскарӣ (а)) надидаам. Ӯ дар равиш ва виқор, фазилат ва азамат, покизагӣ ва ростгӯӣ дар миёни хонаводаи хеш ва Бани Ҳошим назир надошт. Хонадонаш ӯро бар калонсолон ва мӯҳтарамони худ муқаддам медоштанд. Ӯ дар назди сарони сипоҳ, вазирон ва тамоми мардум ҳамин шӯҳратро дошт. Ба ёд дорам, рӯзе назди падарам[21] будам ва дарбонон хабар оварданд, ки Абӯмуҳаммад ибни Ризо (Имом Аскарӣ(а)) омадааст. Падарам бо овози баланд барои даромаданаш ба дарбонон иҷозат дод. Вақте дарбонон дар назди падарам аз Имом (а) боэҳтиром ёд карданд, дар тааҷҷуб мондам. Зеро назди падарам ба ҷуз халифа ё валиаҳд ё касеро,

[20] Носибӣ касе, ки бо имомони аҳли байти Расул(с) мухолифат ва душманӣ дорад.

[21] Падари Аҳмад Абдулло ибни Хоқон аз риҷол ва дарбориёни муҳими ҳукумати Аббосӣ дар Сомарро буд.



ки халифа дастур дода бошад, ба эҳтиром ёд намекарданд. Лаҳзае чанд марде гандумгун, хушқомат, хушабрӯ, некӯандом, ҷавон, боҳайбат ва ҷалолат ворид шуд. Чун чашми падарам бар ӯ афтод, бархост ва чанд қадам ба истиқболаш рафт. Ман ёд надоштам, ки падарам нисбат ба касе аз Бани Ҳошим ё фармондеҳони сипоҳ чунин карда бошад. Падарам бо ӯ даст дар гардан оварда, сурат ва синаашро бӯсид ва дасти ӯро гирифта ба ҷои худ шинонд. Сипас, худ рӯ ба рӯи ӯ нишаста ба сӯҳбат пардохт ва зимни сӯҳбат ба ӯ "фидоят шавам" мегуфт. Ман аз он чӣ медидам дар ҳайрат монда будам. Ногоҳ дарбоне даромада аз омадани Муваффақи Аббосӣ хабар дод. Одатан чунин буд, ки пештар аз омадани Муваффақ дарбонон ва фармондеҳони махсуси сипоҳи ӯ дар фосилаи аз даромадгоҳи хона то нишастгоҳи падарам дар ду саф меистоданд. Онҳо аз омадан то рафтани халифа ба ҳамин ҳол боқӣ мемонданд.

Падарам бо тамоми ҳушу хаёл ғарқи сӯҳбатҳои Имом (а) буд, то он вақт, ки ғуломони Муваффақ дохили хона шуданд. Дар ин вақт ба он ҳазрат гуфт:

- Фидоят шавам агар мехоҳед биравед ва ба дарбонони худ гуфт, то ӯро аз пушти ду саф бибаранд, чун ӯ намехост Муваффақ ӯро бубинад. Имом бархост ва падарам низ бархост

ва бо ӯ даст ба гардан овард ва Имом (а) рафт. Ман ба дарбонон ва ғуломони падарам гуфтам:

- Воҳ! Ин чӣ касе буд, ки ӯро дар ҳузури падарам бо эҳтиром ёд кардед ва падарам бо ӯ чунин рафтор дошт?

Гуфтанд:

- Вай яке аз алавиён аст, ки ба ӯ Ҳасан ибни Алӣ мегӯянд ва ба “Ибни Ризо” (писари Ризо) маъруф аст. Тааҷҷуби ман бештар шуд ва он рӯзро бо фикру андеша шаб кардам. Одати падарам ин буд, ки баъд аз намози ишоъ (хуфтан) тамоми гузоришҳо ва хабарҳое, ки бояд ба халифа расонад, баррасӣ ва омода мекард. Баъд аз он, ки падарам намозро тамом кард, наздаш омада нишастам. Ӯ аз ман пурсид:

- Аҳмад! Коре дорӣ?

Гуфтам:

- Бале падар, агар иҷозат медиҳед бигӯям?

Гуфт:

- Бигӯй

Гуфтам:

- Падар! Ин мард, ки субҳ ӯро дидам, чӣ касе буд, ки нисбат ба ӯ эҳтиром зиёде намудӣ ва дар суханат ба ӯ "фидоят шавам" мегуфтӣ, худат ва падару модаратро фидои ӯ месохтӣ.

Гуфт:

- Писарам! Ӯ имоми рофизиён (пайравони аҳли байти Пайғамбар(с)-ро “Рофизӣ”



меномиданд) Ҳасан ибни Алӣ маъруф ба “Ибни Ризо” аст.

Он гоҳ сукут кард, ман низ хомӯш мондам.Сипас гуфт:

- Писарам, агар хилофат аз дасти халифаҳои Бани Аббос берун равад касе аз Бани Ҳошим ҷуз ӯ сазовори хилофат ва роҳбарии мардум нест. Ин ба ҷиҳати фазилат, иффат, зӯҳд, ибодат, ахлоқи некӯ ва шоистагии ӯст. Агар падари ӯро медидӣ, марди бузургвор ва бофазилатеро дида будӣ.

Бо ин суханон андеша ва нигарониам бештар ва хашмам нисбат ба падарам зиёд шуд. Дилам мехост, ки дар бораи имом ва пайравони ӯ ҷустуҷӯ ва баррасиҳое дошта бошам. Аз ҳеҷ яке аз Бани Ҳошим, сарони сипоҳ, нависандагон, қозиён, фақеҳон ва дигар ашхос дар бораи Имом (а) суоле накардам, магар он ки ӯро назди онон дар ниҳояти бузургӣ, арҷмандӣ ва воломақомӣ ёфтам. Ҳама аз ӯ ба некӣ ёд мекарданд ва ӯро бар тамоми хонадон ва бузургони хеш муқаддам медонистанд. Аз ҳамин сабаб мақоми Имом (а) назди ман азамат ёфт, зеро ҳеҷ дӯст ва душманеро надидам магар он ки дар ҳаққи ӯ ба некӣ сухан мегуфт ва ӯро ситоиш мекард”[22]

---

[22] «Ишод»-и Муфид саҳ. 318

**Зӯҳди Имом (а)**

Комили Маданӣ барои пурсиши саволе хидмати Имом (а) шарафёб шуд. Ӯ чунин нақл мекунад:

“Вақте бар он гиромӣ ворид шудам, дидам либоси сафед ва нарме бар тан доранд. Назди худ гуфтам: Валии Худо ва ҳуҷҷати ӯ либоси нарм ва латиф мепӯшад ва моро аз пӯшидани чунин либос боз медорад!”

Имом (а) табассум намуданд ва остинҳои худро боло бардоштанд. Дидам палосе сиёҳ ва сахт дар зери либос бар тан доранд. Сипас фармуданд: “Эй Комил! “Ҳозо лиллоҳи ва ҳозо лакум” – (яъне ин палоси сахт барои Худо аст ва ин либоси нарм, ки рӯи он пӯшидаам барои шумост)”.[23]

**Мурочиати ду ниёзманд**

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Иброҳим ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар(а) мегӯяд: тангдаст шудем, падарам гуфт, ки бо ҳам хидмати ин мард (Имом Аскарӣ(а)) биравем, ки ба ҷуду бахшиш шӯҳрат дорад.

Гуфтам:

- Ӯро мешиносӣ?

Гуфт:

[23] «Биҳоруланвор» ҷ. 50 саҳ.253



- Не, ӯро ҳаргиз надидаам.

Бо ҳам ба роҳ баромадем ва дар байни роҳ падарам гуфт:

- чӣ қадар ниёзмандем, ки барои мо 500 дирҳам бидиҳад; 200 дирҳам барои либос, 200 дирҳам барои пардохти қарз ва 100 дирҳам барои хароҷотҳои дигар.

Ман бо худ гуфтам: кош барои ман ҳам 300 дирҳам бидиҳад, ки бо 100 дирҳами он чорпое бихарам, 100 дирҳам барои хароҷотҳо ва 100 дирҳами дигар барои либос ва мусофират ба шаҳри Ҷабал (қисматҳои кӯҳистонии ғарби Эрон то Ҳамадон ва Қазвин) бошад. Ҳангоме ки ба хонаи Имом (а) расидем ғуломи он ҳазрат берун омад ва гуфт:

- Алӣ ибни Иброҳим ва писараш Муҳаммад ворид шаванд. Вақте даромадем ва салом кардем ба падарам фармуд:

- Эй Алӣ! Чӣ шудааст, ки то кунун назди мо наомадаӣ?

Падарам гуфт:

- Шарм доштам бо ин ҳол шуморо мулоқот намоям.

Вақте берун баромадем ғуломи он ҳазрат назди мо омад ва ба падарам халтачаи пуле дод ва гуфт: ин 500 дирҳам аст, 200 дирҳам барои либос, 200 дирҳам барои пардохти қарз ва 100 дирҳам барои хароҷотҳои дигар.

Ба ман низ халтачаи дигаре дод ва гуфт: ин 300 дирҳам аст, 100 дирҳам барои хариди чорпо, 100 дирҳам барои хароҷотҳо, 100 дирҳам барои либос. Ба тарафи Ҷабал бошад нарав, ба Суро (ҷое аст дар Ироқ) бирав...

### Ибодати Имом (а)

Имом Аскарӣ(а) монанди падарони гиромии худ дар ибодати Худо намуна буд. Ҳангоми намоз аз ҳамаи корҳо даст мекашид ва ҳеҷ чизро беҳтар ва муқаддам аз намоз намедонист. Абӯҳошими Ҷаъфарӣ мефармояд:

Хидмати Имом Аскарӣ(а) шарафёб шудам. Имом (а) машғули навиштани чизе буданд. Вақти намоз фаро расид ва имом навиштаро канор гузоштанд ва ба намоз истоданд...[24]

Кайфият ва чигунагии ибодати Имом (а) дигаронро ба ёди Худо меандохт. Гоҳ ашхоси гумроҳеро тамоман иваз мекард ва ба роҳи рост ҳидоят мекард. Вақте ки Имом (а) дар зиндони Солеҳ ибни Васиф буд, бархе аз Аббосиён аз зиндонбон хостан бар Имом (а) сахтгирӣ кунанд. Ӯ ду нафар аз бадтарин маъмурони худро назди Имом гузошт, аммо он ду дар асари муошират бо имом дигаргун шуданд ва дар ибодат ва намоз ба марҳалаи азим расиданд.

[24] «Биҳоруланвор» ҷ.50 саҳ.304



Зиндонбон он дуро наздаш даъват кард ва гуфт:

- ”Вой бар шумо! Шумо нисбат ба ин мард чӣ фикр ва рафторе доред?”.

Гуфтанд:

- ”Мо чӣ гӯем дар мавриди касе, ки рӯзҳо рӯзадор ва ҳамаи шаб дар ибодат аст. Ӯ ба ғайри ибодат сухан намегӯяд ва ба коре низ машғул намешавад. Вақте бар мо назар мекунад вуҷуди моро ларза мегирад ва худро аз даст медиҳем!...”[25]

### Ҳидояти мусулмонон ба ҳақиқат

Бархе аз уламои аҳли тасаннун, аз ҷумла Ибни Саббоғи Моликӣ ба ривоят аз Абӯҳошими Ҷаъфарӣ нақл мекунанд:

“...Дар Сомарро қаҳтии сахте пеш омад. Мӯътамид - халифаи замон, фармон дод, ки мардум ба намози истисқо[26] раванд. Мардум се рӯз пай дар пай ба намозгоҳ рафтанд ва даст ба дуо бардоштанд, вале борон наёмад. Рӯзи чаҳорум пешвои масеҳиён Ҷосилиқ ҳамроҳи масеҳиён ва роҳибон ба саҳро рафт. Яке аз роҳибон ҳар вақт, ки дасти худро ба сӯи осмон боло мекард борон меборид. Рӯзи баъд Ҷосилиқ ҳамон корро кард ва он қадар борон омад, ки

[25] «Иршод»-и Муфид саҳ.324

[26] Намозест,ки ҳангоми хушксолӣ барои талаби борон мехонанд.

дигар мардум талаби борон надоштанд. Ин кори Ҷосилиқ сабаби шигифтӣ, рӯҳафтодагӣ, шак ва майл ба масеҳият дар миёни бисёре аз мусулмонон шуд, ки ин вазъ бар халифа ногувор буд. Халифа дар ҳолати ногувор монда амр дод, то Имом Аскарӣ(а)-ро аз зиндон биёваранд. Халифа ба Имом (а) арз кард:

- "Уммати ҷаддатро дарёб, ки гумроҳ шуданд!"

Имом фармуд:

- Аз Ҷосилиқ ва роҳибон бихоҳ, ки фардо сешанбе ба саҳро раванд.

Халифа гуфт:

- Мардум борон намехоҳанд, чун ба қадри кофӣ борон омада аст, ба саҳро рафтан чӣ фоидае дорад!

Имом фармуд:

- Барои он, ки иншоолоҳи таоло шак ва шубҳаро бартараф созам.

Халифа фармон дод ва пешвои масеҳиён ҳамроҳи роҳибон рӯзи сешанбе ба саҳро рафтанд. Имом Аскарӣ (а) низ дар миёни ҷамъияти азиме аз мардум ба саҳро омад. Масеҳиён ва роҳибон барои талаби борон даст ба сӯи осмон бардоштанд ва осмон абрӣ шуду борон омад. Имом (а) фармон дод, ки дасти роҳиби муайянеро бигиранд ва он чӣ дар миёни ангуштони ӯст берун оваранд. Аз миёни ангуштони роҳиб устухони сиёҳеро аз устухонҳои одамӣ ёфтанд. Имом (а) устухонро гирифтанд ва



дар порчае печиданд ва ба роҳиб гуфтанд, акнун талаби борон кун. Роҳиб ин бор низ даст ба осмон бардошт, аммо абр канор рафт ва офтоб намудор шуд. Аз ин кор мардум ҳайратзада ва дар шигифт монданд. Халифа аз Имом (а) пурсид:

- Ин устухони чист?

Имом фармуд:

- Ин устухони паёмбаре аз пайғамбарони илоҳӣ аст, ки аз қабрҳои бархе аз пайғамбарон бардоштаанд. Устухони паёмбаре шинохта ва зоҳир намешавад ҷуз он ки борон ояд.

Имомро таҳсину офарин карданд ва устухонро озмуда диданд, ки ҳамон тавр аст, ки Имом (а) мефармоянд..."[27]

### Иршоди файласуфи Ироқ

Исҳоқи Киндӣ файласуфи моддигарои Ироқӣ ба таълифи китобе пардохт ва мехост исбот кунад, ки дар Қуръон таноқузҳое[28] вуҷуд дорад. Ӯ барои ҳамин ҳам худро аз мардум канор гирифт ва ба танҳоӣ дар хонаи худ ба ин кор машғул шуд. Рӯзе яке аз шогирдони ӯ хидмати Имом Аскарӣ(а) шарафёб шуда буд. Имом (а) ба ӯ фармуд:

---

[27] "Эҳқоқулҳақ" ҷ.12 саҳ.464,- ин ҳадисро шаш нафари дигар аз уламои бузурги аҳли суннат низ нақл кардаанд.

[28] Зиддият, ноҳамоҳангӣ

- Оё миёни шумо марди боҳӯше нест, ки устодатонро аз қарораш (яъне аз ин кори гунох) боз дорад?

Гуфт:

- Мо аз шогирдони ӯем, чӣ гуна метавонем дар ин кор ё корҳои дигар ба ӯ мухолифат намоем!

Имом фармуд:

- Оё он чӣ бигӯем ба ӯ мерасонӣ?

Гуфт:

- Бале.

Фармуд:

- Назди ӯ бирав ва бо ӯ улфату дӯстӣ кун ва ӯро дар коре, ки мехоҳад анҷом диҳад ёрӣ намо. Он гоҳ бигӯ суоле дорам, оё метавонам аз шумо бипурсам? Ба ту иҷозати суол медиҳад.

Бигӯ:

- Агар гӯяндаи Қуръон пеши ту ояд, оё эҳтимол медиҳӣ, ки манзури ӯ аз гуфтораш маонии дигаре ғайри он бошад, ки ту пиндоштаӣ?

Хоҳад гуфт:

- Имкон дорад; чун Киндӣ агар ба матлаб таваҷҷӯҳ кунад, мефаҳмад ва дарк мекунад.

Ҳангоме ки ҷавоби мусбат дод бигӯ: аз куҷо боварӣ пайдо кардаӣ, ки мурод ва манзури Қуръон ҳамон аст, ки ту мегӯӣ?! Шояд гӯяндаи Қуръон манзури ғайр аз он чӣ ту ба он расидаӣ дошта бошад ва ту ҳарф ва ибораҳоро дар ғайри маънӣ ва муроди он ба кор мебарӣ!



Он мард назди Исҳоқи Киндӣ рафт ва ба ҳамон тариқ бо ӯ меҳрубон шуд, то саранҷом саволашро матраҳ намуд. Киндӣ аз ӯ хост, ки саволи худро такрор кунад ва ба фикр фурӯ рафт ва онро бинобар луғати мӯҳтамал ва бар ҳасби андеша мумкин донист.

Киндӣ шогирдашро савганд дод, ки ин савол аз куҷо барои ту пайдо шуд.

Шогирд гуфт:

- Чизе буд, ки ба хотирам расид ва суол кардам!

Гуфт:

- Мумкин нест ту ва афроди монанди ту ба чунин савол роҳ ёбанд, бигӯ ин суолро аз куҷо овардӣ?

Шогирд гуфт:

- Абӯмуҳаммад (Имом Аскарӣ (а)) ба ман чунин фармон дод.

Киндӣ гуфт:

- Инак дуруст гуфтӣ, чунин саволеро ба ҷуз он хонадон касе наметавонад кард.

Он гоҳ он чӣ дар он замина навишта буд дар оташ рехт ва сӯзонд.[29]

### Посух ба чанд савол

**Абӯҳошими Ҷаъфарӣ** мегӯяд: шахсе аз Имом (а) пурсид:

---

[29] "Маноқиб"-и Ибни Шаҳрошуб ҷ.3 саҳ.525

**-** Чаро зани бенаво дар мерос як саҳм ва мард ду саҳм мебарад?

Имом фармуд:

> ***- Чун ҷиҳод ва пардохти махориҷ ба ӯҳдаи зан нест ва низ пардохти дияи қатли хатоӣ бар ӯҳдаи мардон аст ва бар занон чизе нест.***

Абӯҳошим мегӯяд: ман пеши худ гуфтам, ки қаблан шунида будам ибни Абулъавҷо аз Имом Содиқ(а) ҳамин саволро кард ва ҳамин ҷавобро шунид.

Имом Аскарӣ(а) ба ман рӯ кард ва фармуд:

> ***“Бале ин суоли ибни Абулъавҷо аст ва вақте суол яке бошад, посухи мо яке аст; барои имоми баъдӣ ҳамон пеш меояд, ки барои имоми пешин омада буд. Аввал ва охири мо дар илм ва манзалат баробар ҳастанд ва барои Расули Худо (с) ва Амири мӯъминон Алӣ (а) фазилат ва имтиёзашон собит аст”.***[30]

**Ҳасан ибни Зариф** ба Имом Аскарӣ(а) навишт: маънои гуфтори Расули Худо(с) дар мавриди Амири мӯъминон Алӣ(а) “Ман кунту мавлоҳу фа-Алиюн мавлоҳу” чист?

Имом фармуд:

[30] “Эъломулвaро”, чопи Наҷаф саҳ.374



> ***“Мақсади он ҳазрат ин буд, ки Алӣ(а)-ро ба имомат насб намояд, то ба ҳангоми ихтилоф ва тафриқаи уммат, ҳизби Худо, (ва пайравони ҳақ) шинохта шавад”.***[31]

**Ҳиравӣ** мегӯяд: яке аз писарони Асбот ба ман гуфт, ки ба Имом Аскарӣ(а) номае навиштам ва аз ихтилофе, ки байни дӯстони ӯ буд хабар додам ва аз Имом (а) хостам барои рафъи ихтилоф далеле (мӯъҷизае) ошкор намояд.

Имом (а) дар посух навиштанд: ”Ба ростӣ Худои азиз ва ҷалил ба оқил гуфтугӯ мекунад. Ҳеҷ кас наметавонад беш аз он чӣ охирини паёмбарон ва сарвари мурсалон Паёмбари Ислом(с) пешниҳод намуда, нишона ва далеле биёвард, дар айни ҳол қавми ӯ гуфтанд ҷодугару дурӯғгӯ аст. Касонеро, ки ҳидоятпазир буданд, ҳидоят фармуд, ҷуз он ки мӯъҷизот мояи таскин ва оромиши бисёре аз мардум аст. Ин ба он сабаб аст, ки Худои азиз ва ҷалил ба мо иҷозат медиҳад, сухан мегӯем ва моро аз сухан манъ мефармояд, сокит мешавем.

Агар Худо дӯст дошт, ки ҳақ ошкор нашавад паёмбаронро ба башорат додан ва бим додан барнамеангехт. Паёмбарони Худо дар ҳоли заъф ва нирӯмандӣ ҳақро ошкор сохтанд ва гоҳе сухан

[31] “Кашфулғумма” чопи Табрез ҷ.3 саҳ.303

гуфтанд, то Худо амрашро тамом гардонад ва ҳукмашро иҷро намояд.

Мардум чанд даста ва табақаанд: гурӯҳе огоҳ ва бар сироти наҷотанд, ба ҳақ даст ёфта ва ба фурӯу усули исломӣ пойбанданд, шак ва дудилагӣ надоранд ва паноҳгоҳи дигаре намеҷӯянд.

Дастаи дигар, ҳақро аз аҳли он намегиранд. Ин даста монанди касоне ҳастанд, ки дар баҳр сайр мекунанд, ки ба ҳангоми нооромии баҳр ноорому пурбим ва ҳангоми оромиши он дар оромишанд.

Дастаи сеюм онҳое ҳастанд, ки шайтон бар онон мусаллат шуда ва аз рӯи ҳасад ба мухолифат бо аҳли ҳақ ба василаи ботил пардохтаанд.

Онро, ки (аз сироти мустақим даст бардошта) ба чап ва рост меравад, во гузор; чӯпон ҳар вақт хоҳад галаро ба андак кӯшиш ҷамъ хоҳад кард.

Аз ихтилофи мавол ӣ ва дӯстон зикр кардаӣ. Агар ҷалолат ва бузургӣ далел аст, пас шакке нест дар он, ки дар мансаби ҳукм ва хилофат қарор гирифта (яъне имоми маъсум) ба тасмим гирифтан ва фармон додан сазовортар аст. Ту дар мавриди онон, ки дар қаламрави мурооти ту қарор доранд нек риоят кун, аз фош кардани асрори мо ва мансабталабӣ бипарҳез, ки ин ду инсонро ба ҳалокат мекашонанд.

Аз қасди сафар ба Форс нақл кардаӣ, ба Форс бирав Худо бароят хайру хубӣ бихоҳад.



Иншоаллоҳ бо саломатӣ ва амн ба Миср ворид шавӣ, ба дӯстони содиқам саломи маро бирасон ва ононро ба тақво ва парҳезкорӣ дар пешгоҳи Худои мутаол ва адои амонат фармон деҳ. Ба онон бигӯй, ки фошкунандаи асрори мо бо мо дар ҷанг аст".

Гуфт: Вақте ҷумлаи "Бо саломатӣ ва эминӣ ба Миср ворид мешавӣ"-ро хондам, маънои онро нафаҳмидам, то ба Бағдод омадам. Аз ин ҷо мехостам ба Форс биравам, вале сафар ба Форс муяссар нашуд, ба Миср рафтам (он гоҳ маълум шуд, ки чаро имом гуфт, ки ба Миср ворид мешавӣ).[32]

**Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Маймун** мегӯяд, ки ба Имом Аскарӣ(а) нома навишта аз фақр ва тангдастии худ гила кардам. Баъдан пеши худ гуфтам магар Имом Содиқ(а) нафармуданд:

**"Ал фақру маъано хайрун минал ғино маъа ғайрино, вал қатлу маъано хайрун минал ҳаёти маъа адуввино".**

***Тангдастӣ бо мо беҳтар аз бениёзӣ бо дигарон ва кушташудан бо мо беҳтар аз зинда мондан бо душманони мо аст.***

Имом(а) дар посух навиштанд: "Вақте гуноҳи авлиё ва дӯстдорони мо зиёд шавад, Худои азиз ва ҷалил ононро ба василаи фақр ва тангдастӣ аз айб ва гуноҳ мераҳонад, дар айни он ки аз бисёре

[32] "Кашфулғумма" чопи Табрез ч.3 саҳ.293-294

аз гуноҳонашон афв ва гузашт мефармояд. Ҳамчунон ки пеши худ гуфтӣ, фақр бо мо беҳтар аз бениёзӣ бо душманони мост. Мо барои касоне, ки ба мо паноҳанда шаванд, паноҳгоҳем, барои касоне, ки аз мо биниш биҷӯянд, нурем, барои касоне, ки ба мо ихлоси зиёд доранд, нигаҳбонем, касе, ки моро дӯст дорад дар қуллаи баланд (наздик) бо мост ва касе, ки аз мо мунҳариф ва рӯй гардонад ба сӯи оташи ҷаҳаннам хоҳад рафт".

**Номаи Имом (а) ба яке аз уламои бузург дар Қум**

Аз ҷумлаи мукотиботи Имом(а) бо асҳоби худ номае аст, ки он гиромӣ ба Алӣ ибни Ҳусайн ибни Бобавайҳи Қумӣ,**-** яке аз бузургони фуқаҳои шиа навиштаанд, ки матни он чунин аст:

"**Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Алҳамду лиллоҳи раббил оламин, валъоқибату лилмуттақин, валҷаннату лилмуваҳҳидин, ваннору лилмулҳидин, вало удвона илло алаззолимин, вало илоҳа илаллоҳу аҳсунул холиқин, вассалоту ало хайри халқиҳи Муҳаммадин ва итратиҳит тоҳирин**".

***"Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Ситоиш худоеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст, саранҷоми некӯӣ барои парҳезкорон ва биҳишт барои яктопарастон ва оташ барои кофирон хоҳад буд. Ситеза ва таҷовуз ҷуз бар***



***ситамкорон нест ва худое ҷуз Аллоҳ, ки беҳтарини офаринандагон аст, намебошад ва дуруду раҳмати Худо бар беҳтарини офаридагонаш Муҳаммад ва хонадони поки ӯ бод".***

Баъд аз ҳамд ва санои илоҳӣ, туро эй бузургмард ва мавриди эътимод ва фақеҳи пайравони ман, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайни Қумӣ, ки худоят бар он чӣ ризои ӯст муваффақ фармояд ва аз наслат фарзандони шоиста баровард. Супориш мекунам туро ба парҳезкорӣ дар пешгоҳи Худо ва барпо доштани намоз ва пардохти закот, зеро намози касе, ки закот намепардозад пазируфта намешавад. Ба ту супориш мекунам, ки аз хатоии мардум даргузарӣ ва хашми хеш фурӯ барӣ ва ба хешовандон сила ва расидагӣ намоӣ. Бо бародарон ёрмандӣ намоӣ, дар рафъи ниёзҳои онон дар сахтӣ ва осоиш бикушӣ, дар баробари нодонӣ ва бехирадии афрод бурдбор бошӣ. Дар дин жарфнигар (чуқурандеш), дар корҳо устувор, бо Қуръон ошно бошӣ. Инчунин ахлоқи некӯ пеша созӣ ва амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар кунӣ. Худои мутаол мефармояд:

"**Ло хайра фи касирин мин наҷвоҳум илло ман амара бисадақатин ав маъруфин авислоҳин байнан носи**".

***Дар бисёре аз суханонашон бо ҳам хайре нест, магар касе, ки ба садақа додан ё некӣ кардан ё ислоҳ миёни мардум фармон диҳад.***

Аз ҳамаи бадиҳо ва зиштиҳо худдорӣ кун ва бар ту бод, ки намози шаб бихонӣ. Ҳамоно Паёмбар(с) ба Алӣ(а) супориш кард ва фармуд:

**“Ё Алию алайка бисалотил лайли, алайка бисалотил лайли, алайка бисалотил лайли ва манистахаффа бисалотил лайли фалайса минно“.**

***Эй Алӣ бар ту бод намози шаб, бар ту бод намози шаб, бар ту бод намози шаб ва касе, ки намози шабро сабук бишморад аз мо нест (ба равиш ва сираи мо амал накардааст).***

Пас ба супориши ман амал кун. Ба шиаёни ман низ дастур бидеҳ он чӣ ба ту фармон додам ҳамон тавр амал кунанд. Бар ту бод, ки сабр ва шикебоӣ варзӣ ва мунтазири фараҷ бошӣ. Ҳамоно Паёмбар(с) фармуданд:

> ***Афзали аъмоли уммати ман интизори фараҷ аст. Пайваста шиаёни мо дар ҳузн ва андӯҳ хоҳанд буд, то фарзандам (имоми Қоим(а)) зоҳир шавад.***

Ҳамон, ки Паёмбар(с) ба ӯ башорат дод, ки заминро аз адл пур мекунад, ҳамчунон ки аз ҷавр ва зулм пур шудааст.

Эй бузургмард ва мавриди эътимоди ман Абулҳасан, сабр кун ва шиаи маро ба сабр фармон деҳ. Ҳамоно замин аз они Худост, ки бандагонашро ворис он месозад ва саранҷоми некӯӣ барои парҳезкорон аст. Салом ва раҳмати Худо ва баракоти ӯ бар ту ва бар ҳамаи



пайравонам бод ва ҳасбуналлоҳу ва неъмал вакил, неъмал мавло ва неъман насир”.

**Мӯъҷизот ва иртибот бо ҷаҳони ғайб**

Имом Аскарӣ(а) низ монанди падарони бузургвори худ дар иртиботи хос бо Худои мутаол, ҷаҳони ғайб, фариштагон ва дорои улуми ғайбӣ, ки аз шууни имомат аст, буд.

Дар китобҳо ва ривоёти олимон мавридҳои бисёре аз мӯъҷизаҳои ғайбии он гиромӣ зикр шудааст, ки гирдоварии ҳамаи онҳо ба як китоби ҷудогона ниёз дорад. Мо дар ин маҷмӯа ба нақли чанд намунае басанда мекунем:

1. **Абӯҳошими Ҷаъфарӣ** мегӯяд: рӯзе ба хидмати Абӯмуҳаммад (Имом Ҳасани Аскарӣ) омадам ва мехостам аз он ҳазрат нуқрае бигирам ва ангуштар бисозам ва ба он табаррук ҷӯям. Вақте нишаста саргарми сӯҳбат шудам фаромӯшам шуд, чун бихостам биравам Имом(а) ангуштаре ба ман дод ва фармуд: “Нуқра мехостӣ мо ангуштар додем, нигин ва ҳаққи сохтани онро фоида кардӣ! Гувороят бод эй Абӯҳошим!”

Гуфтам:

- Сарвари ман, гувоҳӣ медиҳам ту валии Худо ва имоми манӣ, ки итоататро ҷузъи динам медонам.

Фармуд:

**-** Худо туро биёмӯрзад, эй Абӯҳошим![33]

2. **Шабланҷӣ** аз Абӯҳошими Ҷаъфарӣ нақл мекунад, ки гуфт: ман ва чор тани дигар дар зиндони “Солеҳ ибни Васиф” зиндонӣ будем, ки Имом Аскарӣ(а) ба бародараш Ҷаъфар вориди зиндон шуданд. Мо даври имомро барои хидмат гирифтем. Дар зиндон марде аз қабилаи Бани Ҷамаҳ буд ва даъво мекард, ки аз алавиён аст. Имом ба мо фармуд: агар дар ҷамъи шумо фарде, ки ҷузви шумо нест намебуд, мегуфтам чӣ вақт раҳоӣ рух медиҳад. Он гоҳ ба марди Ҷамаҳӣ ишора фармуд, ки берун равад ва ӯ берун рафт. Он гоҳ ба мо фармуд: ин мард аз шумо нест, аз ӯ дарҳазар бошед. Гузориш ва он чизе, ки гуфтаед дар либоси ӯст ва ба халифа навишта аст. Чанд нафар аз мо ба тафтиши ӯ пардохтем ва гузоришро, ки дар либосаш пинҳон карда буд, ёфтем. Чизҳои муҳим ва хатарноке дар бораи мо навишта буд...[34]

3. **Муҳаммад ибни Рабии Шайбонӣ** мегӯяд:

Дар Аҳвоз бо яке аз санавиҳо (дугонапарастон) баҳс ва мунозира кардам, баъд ба Сомарро рафтам ва суханони он санавӣ ба ман асар карда буд. Дар манзили Аҳмад ибни Хасиб нишаста будам, ки Имом Аскарӣ(а) аз маросими умумӣ

[33] “Усули кофӣ” ҷ.1 саҳ.512

[34] “Эъломулваро” саҳ.373, “Нурулабсор” чопи Қоҳира саҳ.183



омаданд ва ба ман нигаристанд ва бо ангушт ишора карда фармуданд: “аҳадун, аҳадун фаваҳҳидҳу” – (Худо) яктост, яктост, ӯро яке бидон”, ман аз ҳӯш рафтам.[35]

4. **Исмоил ибни Муҳаммад** мегӯяд: назди дари хонаи Имом Аскарӣ(а) нишастам. Вақте ҳазрат берун ташриф оварданд, пеш рафтам ва аз фақирӣ ва ниёзмандии худ шиква кардам ва савганд ёд намудам, ки ҳатто як дирҳам надорам!

Имом фармуданд:

**-** Савганд ёд мекунӣ дар ҳоле, ки дусад динор дар хок пинҳон кардаӣ?!

Ва фармуданд: инро барои он нагуфтам, ки ба ту атое надиҳам; ва ба ғуломи худ рӯ кард ва фармуд: он чӣ ҳамроҳ дорӣ ба ӯ бидеҳ.

Ғулом сад динор ба ман дод, пас Худои мутаолро сипос гуфтам ва баргаштам. Дар ин асно он гиромӣ фармуд: метарсам он дусад динорро вақте, ки бисёр ниёзманди онӣ, аз даст бидиҳӣ.

Ман суроғи динорҳо рафтам ва онҳоро дар ҷои худ ёфтам. Ҷои динорҳоро иваз кардам ва тавре пинҳон сохтам, ки ҳеҷ кас пайдо карда натавонад. Аз ин қазия муддате гузашт ва ба динорҳо ниёзманд шудам. Вақте суроғи онҳо рафтам чизе наёфтам ва бисёр ғамгин шудам. Баъдтар

[35] “Кашфулғумма фи маърифатил аимма” ҷ.3, саҳ.305

фаҳмидам, ки писарам ҷои онҳоро ёфта ва динорҳоро бардошта бурда аст ва ҳамон тавре ки имом фармуда буданд, чизе аз ин динорҳо ба дасти ман нарасид.[36]

5. **Муҳаммад ибни Айёш** мегӯяд: чанд нафар бо ҳам дар бораи мӯъҷизаҳои Имом Аскарӣ(а) гуфтугӯ мекардем. Шахсе носибӣ, ки он ҷо ҳозир буд гуфт: ман навиштае бидуни мураккаб (ранг) менависам, агар имом посухи онро дод, ҳақ будани ӯро мепазирам. Мо масоиле доштем, ки навиштем. Носибӣ низ бидуни мураккаб (ранг) рӯи коғаз матлаби худро навишт ва онро ҳамроҳи номаҳо ба Имом Аскарӣ(а) фиристодем. Посухи саволҳои моро навиштанд ва рӯи варақаи марбут ба носибӣ номи ӯ ва номи падару модарашро навиштанд. Носибӣ чун онро дид, аз ҳуш рафт. Вақте ба ҳуш омад ба ҳақ будани Имом(а) эътиқод пайдо кард ва аз зумраи пайравони имом қарор гирифт.[37]

6. **Умар ибни Абӯмуслим** мегӯяд: Самии Масмаъӣ ҳамсояи девор ба девори ман буд ва маро бисёр озор медод. Ман ба Имом Аскарӣ (а) номае навиштам ва талаб кардам дуо кунанд, то Худованд фараҷе бифармояд. Посух доданд:

[36] "Эҳқоқулҳақ" ҷ.12 саҳ.460

[37] "Маноқиб" чопи Наҷаф ҷ.3 саҳ.538



- Туро ба фараҷе зуд башорат медиҳам, ту молики хонаи ҳамсояи мазкур хоҳӣ шуд.

Пас аз як моҳ он мард вафот кард ва ман хонаи ӯро харидам ва ба баракати Имом (а) ин хонаро ба хонаи худ ҳамроҳ кардам.[38]

7. **Абӯҳамза** мегӯяд: бисёр дидам, ки Имом (а) бо ғуломон (ки аз миллатҳои мухталиф буданд) ба забони худашон ба онон сухан мегӯянд. Ман ҳайратзада шудам ва пеши худ мегуфтам... Имом дар Мадина таваллуд шудаанд... ва чӣ гуна ба забонҳои мухталиф сӯҳбат мекунанд. Он ҳазрат ба ман рӯ оварда фармуданд: ҳамоно Худои азиз ва ҷалил ҳуҷҷати худро аз тамоми офаридагон беҳтар дониста ва ба ӯ донистани ҳар чизеро ато фармуда аст. Имом (а) забонҳои гуногун, насабҳо ва пешомадҳоро медонад ва агар чунин набошад, фарқи миёни Имом ва мардуми оддӣ нахоҳад буд.[39]

### Порае аз суханони Имом Аскарӣ (а)

*** Алайка бил иқтисоди ва ийёока вал исрофа**.

***Дар зиндагӣ миёнаравӣ кун ва аз исроф бипарҳез.***

Дар айёми кӯдакии Имом (а) шахсе он ҳазратро дид, ки гиря мекунад ва дигар кӯдакон

[38] "Кашфулғумма" ҷ.3 саҳ.302

[39] "Иршод"-и Муфид саҳ.322

ба бозӣ машғуланд. Ӯ пиндошт, ки сабаби гиряи он гиромӣ асбоби бозӣ аст, ки дигар кӯдакон доранду он надорад. Вай ба имом гуфт:

- Бароятон асбоби бозӣ бихарам?

Имом фармуд:

**“Ё қалилал ъақли мо лил лаъиби хулиқно”.**

***Эй камхирад, мо барои бозӣ офарида нашудаем!.***

Пурсид:

- Пас барои чӣ офарида шудаем?

Фармуд:

- **“*Лилъилми* вал ибодати”**.

***Барои илм ва ибодат.***

Пурсид:

- Аз куҷо чунин мегӯӣ?

Фармуд:

- Аз каломи Худои азизу ҷалил (ки дар Қуръон мефармояд:)

* **Афа ҳасибтум аннамо халақнокум ъабасан ва аннакум илайно ло турҷаъун**.

***Оё мепиндоред шуморо беҳуда офаридем ва ба сӯи мо боз намегардед?!***[40]

* ***Ло* тумори фаязҳабу баҳоука ва *ло* тумозиҳ фаюҷтарау алайка.**

***Ситеза ва ҷидол макун, ки обрӯят меравад ва шухӣ макун, ки бар ту ҷуръат меёбанд.***

---

[40] “Эҳқоқулҳақ” ҷ.12 саҳ.473



* **Минат тавозуъис салому ало кулли ман тамурру биҳи вал ҷулусу дуна шарафил маҷлиси**.

***Салом кардан бар ҳар касе, ки бо ӯ во мехурӣ ва нишастан дар поини маҷлис, аз тавозӯъ ва фурӯтанӣ аст.***

* **Изо нашататил қулубу фаавдиъуҳо ва изо нафарат фаваддиъуҳо**.

***Чун дилҳо бо нишот буд, дар он илму ҳикмат нуҳуфт ва чун бенишоту малул шуд, онҳоро аз даст дод.***

* **Лайса минал адаби изҳорул фараҳи индал маҳзуни**.

***Шодмонӣ назди андӯҳманд дур аз адаб аст.***

* **Ат тавозуъу ниъматун ло йуҳсаду алайҳо**.

***Фурӯтанӣ неъмате аст, ки мавриди рашк қарор намегирад.***

* **Ман ваъаза аҳоҳу сирран фақад зонаҳу ва ман ваъазаҳу алониятан фақад шонаҳу**.

***Он ки бародари худро пинҳонӣ андарз медиҳад, ӯро оростааст ва он ки ошкор ва дар ҳузури дигарон андарз диҳад, ӯро бадном сохта аст.***

* **Кафока адабан линафсика таҷаннубука мо такраҳу мин ғайрика**.

***Барои боадабии хеш кофӣ аст аз он чӣ аз дигарон намеписандӣ дурӣ кунӣ.***

* **Ҳуснус сурати ҷамолун зоҳирун ва ҳуснул ъақли ҷамолун ботинун**.

***Хубии чеҳра - зебоии берун ва хубии ақл - зебоии дарун аст.***

* **Инналл вусула илаллоҳи азза ва ҷалла сафарун ло йудраку илло бииститоил лайли.**

***Барои расидан ба Худои мутаол сафаре аст, ки ҷуз ба шабзиндадорӣ муяссар намешавад.***

* **Ҷуъилатил хабоису фӣ байтин вал кизбу мафотиҳуҳо**.

***Палидиҳо дар хонае гирд омадаанд ва дуруғ калиди онҳост.***

* **Инна лил ҷуди миқдоран фаизо зода алайҳи фаҳува сарафун**.

***Барои бахшиш андозае аст, чун аз он бигзарад исроф аст.***

* **Ва инна лил ҳазми миқдоран фаизо зода алайҳи фаҳува ҷубнун**.

***Барои иҳтиёт низ андозае аст, ки чун аз он таҷовуз кунад тарс аст.***

### Чанде аз асҳоби Имом (а)

Ба иллати маҳдудият ва муроқибати Имом (а) аз тарафи ҳокимони золим, асҳоби хоси Имом Аскарӣ зиёд нестанд. Он афроде, ки аз файзи Имом бархӯрдор шудаанд аз зумраи бузургмардони илоҳӣ ва уламои парҳезкор ба ҳисоб меравand, ки ба ихтисор чан тан аз ононро муаррифӣ мекунем:

1. **Аҳмад ибни Исҳоқи Ашъарии Қумӣ** – аз ёрони хос ва коргузорони Имом Аскарӣ (а) ва бузурги мардуми Қум буд. Ӯ масоили аҳли Қумро назди Имом (а) мебурд ва посух мегирифт. Инчунин дар замони Имом Ҷавод ва



Имом Ҳодӣ алайҳимо салом аз он бузургворон ривоят карда аст.[41]

Аҳмад ибни Исҳоқ ба ҷаноби Ҳусайн ибни Рӯҳ – ноиби сеюми Имоми Замон дар Ғайбати Суғро нома навишт ва иҷозат хост ба ҳаҷ равад. Ба ӯ иҷозат ва порчае ҳам барояш фиристода шуд. Аҳмад гуфт: ба ман хабари вафотам дода шуд ва дар бозгашт дар Ҳалвон аз олам гузашт.

Саъд ибни Абдулло дар мавриди вафоти Аҳмад ибни Исҳоқ мегӯяд:

Ӯ дар сефарсахии Ҳалвон таб кард ва сахт бемор шуд, чунон ки аз ӯ ноумед ва маъюс шудем. Чун вориди Ҳалвон шудем дар корвонсарое манзил гирифтем ва Аҳмад аз мо талаб кард, ки имшаб ӯро танҳо бигзорем ва ба ҷойҳои худ равем. Ҳар кас ба ҷойгоҳи худ рафт. Наздики субҳ ба фикр афтодам, вақте чашм кушодам ходими мавлоям Имом Аскарӣ(а) - Кофурро дидам, ки мегӯяд:

**“Аҳсаналлоҳу бил хайри азоакум ва ҷабара бил маҳбуби разиятакум”**.

***Худованд шуморо таслияти некӯ диҳад ва ба подоши писандида мусибататонро ҷуброн фармояд.***

Он гоҳ гуфт: ғусл ва кафани шарики шумо Аҳмад анҷом шуд, бархезед ва ӯро дафн кунед. Ба дурустӣ, ки ӯ ба ҷиҳати наздикӣ ба Худои мутаол

---

[41] “Нурулбаҳийя” саҳ.160, чопи Машҳад

назди мавлоятон аз ҳамаи шумо гиромитар аст”; он гоҳ аз назари мо пинҳон шуд.[42]

2. **Абӯҳошим Довуд ибни Қосими Ҷаъфарӣ** – аз насли ҷаноби Ҷаъфари Тайёр(а) ва аз бузургони аҳли Бағдод буд, ки дар хидмати имомон алайҳимуссалом мақом ва манзалати хос дошт. Ӯ Имом Ҷавод, Имом Ҳодӣ ва Имом Аскариро дарк кард ва дар аввалҳои Ғайбати Суғро аз тарафи Имоми Замон(а) аз вакилон ва коргузорон низ буда аст.

Абӯҳошим ба имомон бисёр наздик буд. Ҳангоме ки сари Яҳё ибни Умари Зайдӣ [43] -ро назди Муҳаммад ибни Абдулло ибни Тоҳир - волии Бағдод оварданд ва баъзеҳо ин пирӯзиро ба ӯ табрику таҳният мегуфтанд, Абӯҳошим назди волӣ рафт ва нотарсона ба ӯ хитоб карда гуфт:

Амир! Омадаам ба ту дар мавриди чизе табрик гӯям, ки агар Расули Худо(с) дар ҳаёт мебуд, барои ӯ азодорӣ мекард.

Волӣ дар ҷавоби Абӯҳошим чизе нагуфт.[44]

3. **Абдулло ибни Ҷаъфари Ҳимярӣ** аз бузургони шаҳри Қум ва аз асҳоби поки Имом Аскарӣ(а) аст. Ӯ китобҳои бисёре навишта аст, ки

[42] “Танқиҳулмақол” ҷ.1 саҳ.50

[43] Яҳё яке аз алавиёни порсо ва шуҷоъ аст, ки дар ҳукумати Мустаини Аббосӣ қиём кард ва ба қатл расид.

[44] “Қомусурриҷол” ҷ.4 саҳ.59



аз он ҷумла китоби “Қурбулиснод” ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳи бузургон ва фақеҳон буда ва ҳаст. Абдулло ибни Ҷаъфар дар соли 290 ба Кӯфа рафт ва мардум аз ӯ ҳадис фаро мегирифтанд.[45]

4. **Абӯамр Усмон ибни Саиди Амрӣ -** ноиби аввали Имоми Қоим (аҷалаллоҳу таъоло фараҷаҳуш шариф) дар Ғайбати Суғро аст. Ӯ марде бузургвор, ростгӯ ва аз бузургони асҳоб ва вакилони Имом Ҳодӣ, Имом Аскарӣ ва имоми Қоим алайҳимуссалом мебошад. Аз синни ёздаҳсолагӣ дар хидмати ҳазрати Имом Ҳодӣ(а) тарбият ёфта ва воситаи миёни мардум ва Имом Ҳодӣ, Имом Аскарӣ ва Имоми Аср(а) будааст. Баъзан аз ӯ кароомоте низ рух медод. Чӣ тавре ки ишора шуд, ӯ аввалин ноиб аз ноибони хоси Имоми Замон(а) аст ва қаблан низ Имом Ҳодӣ ва Имом Аскарӣ(а) мардумро назди ӯ мефиристоданд, то масоил ва аҳкомро аз ӯ фаро гиранд. Имом Ҳодӣ ва Имом Аскарӣ(а) ҳар як дар бораи ӯ мефармуданд: "Абӯамр (Усмон ибни Саид) мавриди таид ва амини ман аст, он чӣ нақл кунад аз ман нақл мекунад ва он чӣ ба шумо бирасонад аз ҷониби ман ба шумо расонда аст".[46]

[45] “Танқиҳулмақол” ҷ.2 саҳ.174

[46] “Танқиҳулмақол” ҷ.2 саҳ.245, “Қомусурриҷол” ҷ.6 саҳ.245

**Шаҳодат**

Халифаҳои Бани Аббос ва коргузорони ҳукумати онон шунида буданд, ки имомони Аҳли Байт(а) дувоздаҳ нафаранд ва дувоздаҳумини онон пас аз ғайбат ва зуҳур ба ҳукуматҳои ботил поён дода, ҷаҳонро аз адлу дод пур месозад. Огоҳӣ аз ин мавзӯъ ба хусус дар охирҳои даврони Имом Ҳодӣ ва Имом Аскарӣ сабаби нигаронии халифа шуда буд. Аз ҳамин ҷиҳат аз Имом Аскарӣ(а) сахт мурoқибат мекарданд ва бисёр моил буданд, ки аз имом фарзанде падид наояд. Онҳо тамоми умури имомро аз роҳҳои гуногун зери назар доштанд ва ҳатто ҳазратро чандин бор зиндонӣ карданд. Саранҷом Мӯътамиди Аббосӣ медид, ки таваҷҷӯҳи мардум ба Имом (а) рӯз аз рӯз бештар мешавад ва зиндону муроқибат таъсири баръакс дорад. Мӯътамид тоқат накарда ва тасмим ба қатли он гиромӣ гирифт ва имомро пинҳонӣ заҳр дод. Имом дар ҳаштуми рабиулаввали соли 260 – ҳиҷрӣ ба шаҳодат расид (дуруди Худо бар вай ва бар падарони покаш).

Обрӯи Имом(а) дар ҷомеа ва ҳарос аз туғёни шиаёну алавиён Мӯътамиди Аббосиро бисёр ба ваҳшат меандохт, бинобар ин кӯшиш мекард ин чизро бипӯшонад. Ибни Саббоғи Моликӣ дар “Фусулулмуҳимма” аз қавли Абдулло ибни Хоқон,- яке аз дарбориёни Аббосӣ менависад:



“...Ҳангоми даргузашти Имом Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алии Аскарӣ(а) Мӯътамид - халифаи Аббосӣ ҳоли махсус пайдо кард, ки мо аз он шигифтзада шудем ва фикр намекардем чунин ҳоле аз ӯ дида шавад. Вақте Имом Аскарӣ(а) ранҷур шуд панҷ нафар аз атрофиёни хоси халифа, ки ҳама аз фақеҳони дарборӣ буданд, ба хонаи Имом (а) рафтанд. Мӯътамид ба онон дастур дод, ки дар хонаи Имом бимонанд ва ҳар чӣ рӯи диҳад ба ӯ хабар диҳанд. Ӯ чанд касро барои нигоҳубини Имом (а) низ роҳӣ кард. Вай ба Қозӣ ибни Бахтиёр фармон дод, ки даҳ нафар аз шахсони боэътимод интихоб намояд ва ба хонаи Имом бифиристад, то субҳ ва шом пеши Имом (а) биравaнд ва ҳоли ӯро зери назар бигиранд. Пас аз ду се рӯз ба халифа хабар доданд, ки ҳоли имом бадтар шуда ва ба гумони беҳтар шавад. Халифа дастур дод шабу рӯз аз Имом хабардор бошанд. Имом пас аз чанд рӯз реҳлат намуданд. Вақте хабари даргузашти он ҳазрат паҳн шуд, Сомарро ба ҳаракат даромад ва саропо фарёд ва нола гардид. Бозорҳо таътил ва мағозаҳо баста шуданд. Бани Ҳошим, амирон, кормандони девони ҳукумат, лашкариён, шоирон, қозиёни шаҳр, шоҳидон, гувоҳон ва соири мардум барои ширкат дар маросими ҷаноза ҳаракат карданд. Сомарро дар он рӯз ёдовари саҳнаи қиёмат буд. Вақте ҷаноза омодаи дафн шуд, халифа бародари худ Исо ибни

Мутаваккилро фиристод, то бар он гиромӣ намоз бигзорад. Ҳангоме ки ҷанозаро барои намоз ба замин гузоштанд, Исо наздик рафт ва сурати он ҳазратро боз кард ва ба алавиён ва Аббосиён, қозиён, нависандагон ва шоҳидон нишон дода гуфт:

Ин Абӯмуҳаммади Аскарӣ аст, ки ба марги табиӣ вафот кардааст ва чанд нафар аз хидматгорони халифа шоҳид будаанд!!

Баъд рӯи ҷанозаро пӯшонд ва бар ӯ намоз хонд ва фармон дод барои дафн бибаранд. Вафоти Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алии Аскарӣ(а) дар Сомарро рӯзи ҷумъаи ҳаштуми рабиулаввали соли 240 – и (ҳ. қ) воқеъ шуд. Он ҳазратро дар хонаи худашон дар он ҷое, ки падараш дар он ҷо дафн шуда буд, дафн карданд.

Аз он чӣ нақл шуд ошкор аст, ки Имом (а) дар ҷомеа чӣ мавқеияте дошта ва ҳукумат чаро нигарони ӯ буда аст. Халифа аз ба таври ошкор захр додан ва ё қатли Имом (а) ваҳшат дошта ва бо заминасозии пешакӣ кӯшидааст, ки шаҳодати Имомро марги табиӣ ва дар бистар нишон диҳад. Оре, ситамгарон вуҷуди имомони маъсумро барои салтанати худ хатарнок медонистанд. Онҳо барои хомӯш кардани нури он пешвоёни ростин то он ҷо, ки метавонистанд бо муроқибати шадид ононро аз ҷомеа ҷудо нигоҳ медоштанд ва саранҷом ба қатли онон иқдом менамуданд.



Мӯътамиди Аббосӣ пас аз шаҳодати Имом Аскарӣ(а) дар зоҳир бо тақсими мероси Имом (а) миёни модари Имом ва бародараш Ҷаъфар кӯшид, то вонамуд кунад аз Имом Аскарӣ(а) фарзанде намонда аст, то шиаён ва пайравони он ҳазрат аз вуҷуди имоми баъдӣ ноумед гарданд. Мӯътамид ба таври пинҳон маъмурони худро вазифадор сохт, ки аз ҳар роҳ ҷустуҷӯ кунанд ва агар фарзанде пайдо карданд, ӯро дастгир намоянд. Маъмурони халифа бар бозмондагони Имом фишори зиёде оварданд, вале натавонистанд бар писари он ҳазрат – Имоми Қоим(а) даст ёбанд. Худои мутаол ӯро ҳифз ва аз макри ситамгарон дар амон дошт. Имом Маҳдӣ (а) барои эминӣ аз шарри ситамгарон, аз тамоси ошкор бо мардум ва ҳузур дар ҷомеа худдорӣ фармуд ва ба фармони Худо ғайбат ихтиёр кард. Аммо шиаён ва пайравони асили Имом Аскарӣ, ки Имоми Қоимро борҳо дар хурдсолӣ дида буданд, ба вуҷуди ӯ итминон доштанд. Дар вафоти Имом Аскарӣ(а) Имоми Қоим(а) дар саҳни хонаи падар зоҳир шуд ва Ҷаъфарро, ки мехост бар Имом Аскарӣ намоз хонад канор гузошт ва худ бар ҷанозаи падараш намоз гузорид. Дар тамоми муддати Ғайбати Суғро пайравон ва шиаёни он ҳазрат тавасути ноибони хос бо Имом (а) иртибот доштанд. Имом бо воситаи ноибони худ ба саволҳои шиаён посух медоданд. Каромот ва мӯъҷизоти бисёре ба дасти

ноибони хоси он ҳазрат ҷорӣ шуд, ки рӯз аз рӯз бар қуввати эътиқод ва итминони дӯстдорон меафзуд. Мо иншоаллоҳ дар ҷузваи баъдӣ дар шарҳи зиндагии пешвои дувоздаҳум ин матлабро баён хоҳем кард.

***Поён.***



**Мундариҷа**

Сарсухан ................ 5
Валодат ................ 9
Имомат ................ 10
Ҳукумати хулафои Аббосӣ дар замони Имом Аскарӣ (а) ................ 13
Шахсияти Имом ва хусусиятҳои ахлоқӣ ................ 20
Зӯҳди Имом (а) ................ 25
Муроҷиати ду ниёзманд ................ 25
Ибодати Имом (а) ................ 27
Ҳидояти мусулмонон ба ҳақиқат ................ 28
Иршоди файласуфи Ироқ ................ 30
Посух ба чанд савол ................ 32
Номаи Имом (а) ба яке аз уламо дар Қум ................ 37
Мӯъҷизот ва иртибот бо ҷаҳони ғайб ................ 40
Порае аз суханони Имом Аскарӣ (а) ................ 44
Чанде аз асҳоби Имом (а) ................ 47
Шаҳодат ................ 51